# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мираксзода Фаридун Юсуфӣ дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд солҳои 1991-2016» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). - Душанбе, 2020.**

Рӯй овардан ба мавзӯи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза мавзӯи хеле муҳим ва саривақтист. Зеро бо тарғибу ташвиқи ҳамаҷонибаи ин соҳа, дастовардҳои беҳтарини маънавиёти замони ҳозира ва муаррифии мавзеъҳои сайёҳии кишвар мебошад. Собит гардидааст, ки сарватҳои беназири ғайримодии миллӣ дар олами рангини табиат ченаки асосӣ муқаддасоти фарҳангӣ ва арзишҳои воло ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз омӯзиш ва пажӯҳиш ва ҳифзи анъанаҳои мероси гуногуни фарҳангӣ, мавзеъҳои сайёҳӣ дар нигаҳдошт ва рушди мероси маънавию модии имрӯзаи мардуми тоҷик муҳиммият пайдо мекунад.

Омили дигаре, ки таҳқиқи мавзӯи мазкурро тақозо менамояд, пайдоиш ва вусъат ёфтани намунаҳои гуногуни сайёҳӣ дар ҷаҳон ва омӯзиши таҷрибаҳои нав дар Тоҷикистон ва хусусан навоҳии кӯҳистон. Бо мақсади нишон додани манзараву табати зебо ва расму русуми мардуми навоҳинишини Тоҷикистон таҳқиқоти ҳамаҷониба хеле зарур аст.

Рисолаи илмии Миракзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд солҳои 1991-2016» ба яке аз масъалаҳои мубрами илмии таърихию фарҳангӣ нигаронида шуда, муҳиммияти он дар самтҳои дурнамои рушди туризм дар Тоҷикстон мавриди ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Ба сифати объекти таҳқиқ, пеш аз ҳама, сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм, сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқии ба соҳаи туризм бахшидашуда, худи соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон, сарчашмаҳои сайёҳӣ-мавзеъҳои нодири табиӣ, олами набототу ҳайвонот, чашмаҳои шифобахш, мероси таърихӣ-фарҳангӣ, экотуризм, туризми табобатӣ ва омилҳои рушди туризми байналмилалӣ дониста шудааст.

Навгонии рисолаи илмиро диссертант бори нахуст дар муайян намудани таърихи туризм дар замони Истиқлолияти давлатӣ (солҳои 1991-2016) мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули туризм дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ таҳқиқ намудааст. Дар кори илмии мазкур сарчашмаҳои сайёҳӣ, нишондиҳандаҳои оморӣ, шакл ва навъҳои туризми муосири тоҷик ва роҳҳои инкишофи минбаъдаи он мавриди баррасӣ қарор гирифта, афзалиятҳои соҳаи сайёҳии муосири мо нисбат ба дигар марҳилаҳо таҳқиқ намудааст.

Боби аввали рисола «Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик

ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон» номигузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Якум зербоб «Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон» дар бораи мероси таърихии халқи тоҷик, маълумоти муфассал медиҳад. Муаллифи рисола дар хусуси аҳамияти саёҳат, ки ба саломатӣ, кайфияти равонӣ ва васеъ гардидани ҷаҳонбинии инсон мусоидат менамояд таҳқиқи муфассал анҷом дода ба чунин натиҷа расидааст, ки: «Аксарияти нобиғагон, бузургони илму адаб, шахсиятҳои варзида бо мақсади дарки оламу одам, дарёфти ҳақиқат, хулоса кашфи асрори табиату ҷамъият ва ба ин васила боз ҳам васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва пурмазмуну ҷолиб гардонидани осори хеш ба маконе сафар мекарданд».

Зербоби дуюми боби аввал «Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм: фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва базаи хуқуқӣ» доир ба мавқеи туризм дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тамоюлоти ба он пайванд барои асолат ва ҳувияти миллӣ, арзишҳои ахлоқиву маънавӣ, симо ва сирати миллӣ пайваста хатар эҷод мекунанд, баҳс намуда, баҳри фароҳам овардани шароити мусоид барои пешрафту тараққӣ ва рушди Тоҷикистон бо далелҳои қонеъкунанда, мавзӯи мазкурро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар зербоби севвуми боби аввал – «Ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар ин самт» ном дошта, перомуни аҳамият ва ниёзҳои иқтисодии кишварро таҳлил намудааст.

Мазмуни боби дуюми рисола, ки «Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991- 2006» ном гирифтааст, дар ду зерфасл таҳқиқ гардидааст. Зербоби аввал «Таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он» ба масъалаҳои муҳими соҳаи туризм пардохта, дар зербоби дуввум «Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он» ба муҳимтарин масъалаи Экотуризм, ки дар Тоҷикстон масъалаи муҳим арзёбӣ мешавад мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола «Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он» ном дошта дорои се зерфасл мебошад. Зербоби аввали рисола «Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо» ном дошта, муҳаққиқ ба чунин натиҷа расидааст, ки «сарчашмаҳои саёҳати табобатӣ дар кишвари мо ниҳоят зиёд буда, ҷиҳати ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба инобат гирифтани ду ҷанба-ташвиқу тарғиби зарурии сарчашмаҳои мазкур ва ташкили инфрасохтори ҷавобгӯ ба талаботи муосир мутобиқи матлаб аст». Зербоби дуввуми боби сеюм «Рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, пешниҳодҳои илмии муҳаққиқ боиси дастгирӣ мебошанд. Дар зербоби сеюми рисола «Шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, дар хусуси он ки Тоҷикистон барои қабул ва хизматрасонии сайёҳон дорои се фурудгоҳи байналмилалӣ (Душанбе, Кӯлоб ва Хуҷанд) мебошад. Аз ғарб ба шарқ қаламрави Тоҷикистонро 3 шохаи роҳи оҳан бурида мегузарад, ки онҳо минтақаҳои ғарбии кишварро бо қисматҳои марказӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ ба воситаи

қаламрави давлатҳои ҳамсоя - Ӯзбекистон ва Туркманистон мепайванданд, беҳтарин шароити рушди туризми байнамилалиро дорад.

Гуфтан ба маврид аст, ки мазмун ва мундариҷаи боби сеюм дар рисолаи илмӣ аз ҷиҳати сарчашмаҳои асосии таҳкикот ҷои махсусеро муайян месозад. Зеро дар мадди назари он вазъи имрӯзаи туризми дохилӣ ва хориҷӣ пурра дарҷ гардидааст. Ин омил барои беҳтар намудани тартиб ва сифати туризми ватанӣ ва байналмилалӣ накши муҳим ҳоҳад бозид.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант Мираксода Фаридун Юсуфи оид ба «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд солҳои 1991-2016» омӯзиши илмии арзанда дар ҷодаи пажӯҳиш ва таҳқиқи амиқи решаҳои таърихии туризми тоҷик ба шумор рафта, дар ин самт кӯшиш ва ғайрати муаллиф барои муаррифӣ намудани яке аз саҳифаҳои тозаи туризми кишвар назаррас аст.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсия ба меъёрҳо ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи ӧн шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

***Муқарриз,***
***мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики***
***Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,***
***доктори илмҳои таърих, профессор*** ***Ҳомидзода Ф.М.***

***Имзои мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик,***
***доктори илмҳои таърих, профессор***
***Ҳомидзода Фурқат Муқмиро тасдиқ менамоям:***

***Сардори раёсати кадрҳо***
***ва корҳои махсуси ДДҲБСТ*** **Мирпоччоев** И.Ҳ.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 735700, ш. Ҳуҷанд, 17 мкр-н, д. 1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқук, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992 342223811
Факс: 1 +992342225170
E-mail : tsulp@rambler.ru